# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷурабоев Ғ.Ч. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2024, суратмаҷлиси № 81а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ», муҳим, тақозои замон, саривақтӣ ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи муаллиф ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методологии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳиро дар бар мегирад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ, вобаста ба талаботҳои стандартҳои байналмилалии ҳисобти молиявӣ, ки истифодабарандагон ба иттилооти молиявии корхонаҳо дастрасӣ пайдо мекунанд, фаъолияти ҳар як

субъекти хоҷагидор мавриди таваҷҷуҳи васеи иштирокчиёни гуногуни муносибатҳои бозорӣ қарор мегирад, ки ба натиҷаҳои фаъолияти ин ё он корхона манфиатдор мебошанд. Натанҳо истифодабарандагони дохилӣ: муассисон, моликон ва саҳмдорони корхона, балки иштрокчиёни дигар низ метавонанд ҳолати молиявӣ-хоҷагидории корхонаро назорат кунанд ва баҳои иқтисодӣ диҳанд.

Тамоми ин ҷараёнро ду унсури бо ҳам алоқаманд - сиёсати баҳисобгирӣ ва назорат, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва назорати дохилии корхона бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаро таъмин менамояд. Унсури дохилӣ дар зери махдудиятҳое амал мекунад, ки аз сиёсати миллӣ дар соҳаи баҳисобгирӣ ва назорат ба вуҷуд омада, дар фаъолияти амалии корхонаҳо истифода бурда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади ҳавасмандгардонии соҳаҳои хоҷагии халқ ва ё корхонаҳои алоҳида низоми муносиби баҳисобгирӣ-назоратӣ ташаккул дода мешавад. Азбаски соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир яке аз самтҳои ояндадори рушди давлат маҳсуб меёбад, таҳқиқот дар ин самт ва пешниҳоди роҳҳои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат, ки ба рушди сайёҳии дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунанд, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд эътироф кард, ки заминаи қонунгузории танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қадри кофӣ таҳия нашудааст. Илова бар ин, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он нишон медиҳад, ки он номукаммал аст. Дар баробари ин, оид ба ҷанбаи ҳуқуқии муносибатҳои субъектҳои дар ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ иштирокдошта, тартиби баҳисобгирии муҳосибӣ, арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизмарасониҳои алоҳидаи сайёҳӣ таҳқиқоту маводҳои илмӣ вуҷуд надоранд. Дар пажуҳишҳои илмӣ ва дастурҳои амалӣ оид ба сайёҳӣ, пеш аз ҳама, ба танзими ҳуқуқӣ ва технологияи ташкили сайёҳӣ диққати махсус дода шудааст, вале ба хусусиятҳои баҳисобгирии

муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар соҳаи сайёҳӣ таваҷҷӯҳ камтар аст.

Муносибатҳои ҳуқуқие, ки байни корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд, гуногунанд, ки истифодаи сохторҳои гуногуни шартномавиро барои бақайдгирии онҳо талаб мекунад. Зарурат ва аҳамияти омӯзиши муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, аз амалияи баҳисобгирии муҳосибии ин муносибатҳо вобаста аст. Муносибатҳои шартномавии байни иштирокчиёни фаъолияти корхонаҳои сайҳӣ ва низоми баҳисобгирииии муҳосибӣ алоқаи бевосита мавҷуд аст, ки ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва натиҷаи фаъолияти корхонаи сайёҳӣ таъсир мерасонад.

Бинобар ин, масъалаи коркарди ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва ташкилии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ дар шароити рақамикунии иқтисодиёт таҳқиқоти иловагиро талаб менамояд. Мутобиқ намудан ва такмил додани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ муфид мебошад, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои баррасӣ ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Барои амалигардонии ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз ҳадафҳои асосии он татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, ки самти афзалиятнок эътироф гардидааст, мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, ки ба таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ хеле муҳим мебошад. Вобаста ба ин масъала, мақомоти танзимкунандаи соҳаҳои сайёҳӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ, муҳаққиқони соҳаҳои мазкурро зарур аст, ки барои ҳаллли муаммоҳои мавҷуда тавсияҳои илман асоснок ва амалӣ пешниҳод намоянд.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 - юми декабри соли 2021, таҳти № 349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 монография, 63 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 39,75 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 36,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва боқимонда дар дигар нашриёҳо чоп шудаанд, ки пурра мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Институти ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Назорати молиявӣ», «Омори сайёҳӣ», «Иқтисодиёти сайёҳӣ» ва «Менеҷменти сайёҳӣ» (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023 сол) ва дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи хизматрасонӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» (маълумотномаи № 543 аз 23.10.2023 сол) истифода карда мешавад.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифодабарӣ дар фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳии ҶДММ

«Корвон Саёҳат» (санади № 40 аз 16.10.2023 сол), ҶДММ «Расул тур» (маълумотномаи № 7/3 аз 21.10.2023 сол), ҶДММ «Ориент Адвентур» (санади № 53 аз 14.10.2023 сол) қабул карда шудаанд.

6. Дар диссертатсияи Раҳимов С.Х. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳимов С.Х. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Асолати матни автореферати диссертатсия 89,69 % ва диссертатсия 81,19 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шудаанд.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмии барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшаванда мебошад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илми иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, инчунин бандҳои 67, 69, 74-75 -и Тартиби додани дараҷаҳои илм (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯхда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

**- Амонова Дилбар Субҳоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**- Навруз-Зода Бахтиёр Негматович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинг ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

**- Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи 100 нусха автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Собирзода Н.М.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Қурбонов А.К.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Ҷурабоев Ғ.Ҷ.**